# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Илми адабиётшиносии тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ ба дастовардҳои зиёде ноил гашта, донишмандони соҳа маҳз дар ҳамин давра ба таҳқиқу баррасии бисёр масъалаҳои мубраму дастнохӯрдаи адабиёти бадеӣ имкон ёфтанд. Пажуҳиши рӯзгор ва осори Саҳобии Астарободӣ низ дастоварди хуби унвонҷӯи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ маҳсуб мегардад, зеро, тибқи маълумоти сарчашмаҳо, Саҳобӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун шоири пурмаҳсул, моҳир ва пурҳунар шинохта шудааст. Хусусан, дар замони худ миёни аҳли илму адаб маъруфияти хоссае доштааст.

Тавре аз автореферат бармеояд, муқаддимаи диссертатсия, тибқи талаботи гузошташуда, аз қисматҳои дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, предмет, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия иборат мебошад. Инчунин, қисмати муҳтавои асосии диссертатсия аз се боб, ҳашт фасл ва шаш зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт таркиб ёфта, дар охири он маводи банашррасонидаи муҳаққиқ оварда шудааст.

Боби якуми диссертатсия “Зиндагӣ ва мероси адабии Саҳобии Астарободӣ” ном дошта, иборат аз ду фасл аст. Муҳаққиқ дар такя ба тазкираҳо, сарчашмаҳои илмӣ ва осори шоир зиндагию осорашро пажуҳиш намуда, ба хулосае расидааст, ки аҷдоди Саҳобии Астарободӣ аз тоҷикони Астаробод буда, шоир дар Шуштар таваллуд шудаву дар Наҷафи Ироқ зиндагӣ ва эҷод кардааст. Алалхусус, дар мавриди вафоти шоир баъд аз баҳсу баррасиҳо ва зикри иттилои манобеъи таърихӣ ба натиҷае мерасад, ки Саҳобӣ соли 1601 мелодӣ дар Наҷафи Ироқ вафот карда, ҳамон ҷо мадфун шудааст. Дар фасли дуюми ҳамин боб муҳаққиқ аз «Девони рубоиёт», «Девони ғазалиёт», «Шарҳи рубоиёт», «Куллиёт» ва рисолаи «Урват-ул-вусқо»-и шоир ёдоварӣ менамояд ва дар такя ба манобеи муътамад нишон медиҳад, ки нусхаи дастнависи онҳо дар осорхона ва китобхонаҳои Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва Британия нигаҳдорӣ мешаванд. Маълумоти ҷолиби дигар он аст, ки дар баробари

рисола ва маснавиҳои шоир имрӯз аз ӯ 2800 ғазал ва 6255 рубоӣ то замони мо расидааст. Дар маҷмуъ, боби мазкур фарогири лаҳзаҳои муҳимми ҳаёт ва таҳқиқи осори бозмондаи шоир мебошад.

Боби дуюм “Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Саҳобӣ” ном дошта, аз чор фаслу се зерфасл иборат аст. Дар ин боб махсусиятҳои ғазал аз пайдоиши он то ба асри XVI, мавзуъҳои ишқу ошиқӣ, панду ахлоқ, мадҳи Худову паёмбарон, тасвири табиат дар ғазалиёти шоир мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудаанд. Саҳобӣ ҳамчун шоир, ориф, мутафаккир ва инсондӯсти бузурги замонаш ба масоили пандуахлоқӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, тавассути панду андарзҳои ҳакимонааш ба мардум дарси зиндагӣ, худшиносиву хештандорӣ ва одобу ахлоқи ҳамида додааст. Инчунин, дар ғазалиёташ ба масъалаҳои худогоҳию худшиносӣ, шиква аз рӯзгор, бемурувватӣ, бекадрии сухан, фақр ва дигар мавзуъҳо низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Дар ин боб баъзе хусусиятҳои ғазалиёти шоир ва таъсирпазирии ӯ аз шоирони гузашта низ хуб таҳқиқ шудааст. Муҳаққиқ бо истифодаи манбаъҳои гуногун ин бобро муваффақона ҷамъбаст намудааст.

Боби сеюми диссертатсия “Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо” ном дошта, аз ду фаслу се зерфасл иборат аст. Ба назари инҷониб, яке аз қисматҳои муҳимми таҳқиқоти мазкур боби сеюм аст. Зеро Саҳобӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ҳамчун рубоисаро маъруфият дорад. Маҳорати Саҳобӣ дар ғазал низ таъкид шудааст, аммо ӯ асосан бо рубоиёти пандуахлоқӣ ва орифонаву ошиқонааш машҳур будааст.

Муаллиф як байти шоири бузург Соиби Табрезиро меорад, ки далели рубоисарои машҳур будани Саҳобӣ аст:

Ғазалгӯӣ ба Соиб хатм шуд аз нуктапардозон,
Рубоӣ гар мусаллам шуд зи мавзунон Саҳобиро (авт., саҳ. 17).

Муҳаққиқ муайян кардааст, ки рубоиёти шоир дорои муҳтавои иҷтимоӣ, ирфонӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ мебошанд. Ин мавзуот дар такя ба осори хаттии шоир ва дигар сарчашмаҳое, ки доир ба рубоиёти ӯ маълумот додаанд, дар автореφорат инъикос шудааст. Дар фасли охирини ин боб забон ва услуби баёни адиб баррасӣ шуда, муаллиф исбот кардааст, ки шоир бо забони нобу гуворои форсӣ ашъорашро эҷод карда, дар пойдории забони форсӣ саҳм гузоштааст.

Воқеан, муаллиф муваффақ шудааст, ки дар автореферат бобҳову фаслҳоро ба гунае хулоса намояд, ки сарфи назар аз муҷазӣ ҳадафу вазифаҳои таҳқиқро пурра инъикос намоянд. Ба боварии комил метавон гуфт, ки фишурда фарогири муҳтавои диссертатсия буда, ба меъёрҳои тахияи автореφератҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти Баёнов М.Б. бар асоси осори дастнавис ва тазкираву сарчашмаҳои илмӣ сурат гирифтааст. Навгонии ин таҳқиқ, аз як тараф, дар истифодаи китобҳои дастхатти шоир бошад, аз тарафи дигар, баррасии ҳаёту осори Саҳобии Астарободӣ ба сари худ аз мавзуоти нави адабиётшиносист.

Дар баробари дастовардҳо дар фишурда камбудиҳои ҷузъие низ ба назар мерасанд, ки дар оянда ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст. Аз ҷумла:

1. Дар автореферат баъзан такрори андеша ба назар мерасад, ки муаллиф метавонист аз онҳо сарфи назар намуда, танҳо ба фаслу бобҳои қаблӣ ишора намояд.

2. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ низ дар матни автореферат мушоҳида мешаванд.

Эродҳои овардашуда арзиши илмии фишурдаро коста нанамоянд ҳам, ислоҳи онҳо арзиши онро болотар менамояд.

Дар маҷмуъ, кор аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷм таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи корҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ аст. Боварӣ дорем, ки муаллиф дар оянда доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёту эҷодиёти Саҳобии Астарободӣ корҳои назаррасеро ба сомон мерасонад.

Хулоса, таҳқиқоти Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик сазовор аст.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Тағаймуродов Рустам Ҳакимович**

**Тел: (+992) 904 10 55 22; E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru**

**Номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори**
**кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав** **Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна**

**Тел: (+992) 918 75 20 27.**

**Имзоҳои Р.Тағаймуродов ва М. Махмадалиеваро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷамшед Абдуалим**

**Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53. E-mail: bgu78@mail.ru**

«1» июни соли 2023.